## СУРАТҶАЛАСАИ № 67

мачлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

4 - уми апрели соли 2024 ш. Душанбе

**Аъзоёни шуро ҳамагӣ: 15 нафар**
**Иштирок доштанд: 14 нафар аъзоёни шуро:**

| | | |
|---|---|---|
| 1. | Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт | д.и.и., 08.00.08.01. |
| 2. | Низомов Самариддин Фахриевич | д.и.и., 08.00.08. |
| 3. | Қурбонов Абдулҳайт Каримович | д.и.и., 08.00.08. |
| 4. | Шарифов Зариф Раҳмонович | д.и.и., 08.00.08. |
| 5. | Қодирзода Диловар Баҳриддин | д.и.и., 08.00.08.01. |
| 6. | Собирзода Нуралӣ Миралӣ | д.и.и., 08.00.08. |
| 7. | Ҷурабоев Ғафурҷон Ҷурабоевич | д.и.и., 08.00.08.01. |
| 8. | Хоҷаев Парвиз Давронович | д.и.и., 08.00.08.01. |
| 9. | Шарифзода Баҳром Маҳмуд | д.и.и., 08.00.07. |
| 10. | Улугхоҷаева Хосиятхон Рауфовна | д.и.и., 08.00.07. |
| 11. | Обидов Фозил Саидович | д.и.и., 08.00.08.01. |
| 12. | Султонов Зубайдулло | д.и.и., 08.00.07. |
| 13. | Умаров Хоҷамаҳмад | д.и.и., 08.00.07. |
| 14. | Ҳикматов Умедҷон Сафаралиевич | д.и.и., 08.00.07. |

**Шунида шуд:** Раиси комиссияи ташхиси аввалия д.и.и., профессор Султонов З.С. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Файзуллозода Бахтовар Сайфулло дар мавзуи «Танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сухан намуда, қайд кард, ки диссертатсия мазкур барои ҳимоя қабул карда шавад.

Диссертатсия таҳти роҳбарии д.и.и., профессор Иброҳимзода И.Р. омода гардидааст.

Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси 08.00.07 – Молия,

муомилоти пулӣ ва қарз, инчунин соҳаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-003 мувофиқат мекунад.

Вобаста ба мавзӯъ ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ 10 мақола чоп гардидааст, ки ҳаҷмии умимиаш 5,8 ҷузъи чопиро (аз ҷумла, 4,3 ҷузъи чопӣ аз муаллиф мебошад) ташкил медиҳад, аз инҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

Комиссияи ташхис барои ҳимоя қабул намудани диссертатсияи Файзуллозода Бахтовар Сайфулло дар мавзуи «Танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дар шурои диссертатсионӣ 6D.KOA-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, тавсия медиҳад.

**<u>ҚАРОР КАРДА ШУД:</u>**

1. Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсияи Файзуллозода Бахтовар Сайфулло дар мавзуи «Танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон муқаррар карда шавад.

3. Бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ ба ҳайси муқарризони расмӣ муқаррар карда шаванд:

- **Мирсаидов Аброр Бобоевич** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директор оид ба корҳои илм ва таълими Инистути иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон:

- **Исматов Хушруз Ҳасанович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсенти кафедраи молия, бонк ва фаъолияти гумруки филиали Муассисаи давлатии “Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории

Тоҷикистон” дар вилояти Суғд.

**Санаи ҳимоя** 15-уми июни соли 2024 муқаррар карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чопи автореферат дар ҳаҷми 100 нусха иҷозат дода шавад.

Омода намудани лоиҳаи хулосаи ниҳоии шурои диссертатсионӣ оид ба диссертатсияи Файзуллозода Бахтовар Сайфулло ба уҳдаи д.и.и., профессор Султонов З.С., д.и.и., профессор Қодирзода Д.Б. ва д.и.и., профессор, Улуғхоҷаева Х.Р. вогузор карда шавад.

Аз рафти ҷаласа чунин натиҷагирӣ карда шуд:

Тарафдор – 14 нафар;

зид- нест; бетараф - нест.

**Раиси**
**шурои диссертатсионӣ**
**д.и.и., профессор** **Хушвахтзода Қ.Х.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ**
**д.и.и., профессор** **Қурбонов А.К.**